*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, почтаи электронӣ: 6D.КОА-100 @mail.ru)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич ба диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Муҳтаво ва муқаррароти асосии таҳқиқот бо бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601- Назарияи иқтисодӣ): 2.2. Таҳаввулоти таърифҳо (парадигмаҳо)-и назарияи иқтисодӣ; 2.3. Робитаҳои байнифаннӣ дар илми иқтисодиёт; 2.4.Принсипҳо ва методҳои таҳқиқоти иқтисодию назариявӣ; 2.5. Стандартҳои илмият ва меъёрҳои арзёбии донишҳои иқтисодӣ; 2.6. Ташаккули мактабҳои илмӣ дар назарияи иқтисодӣ; 2.8. Коркарди методологияи таҳқиқоти таърихи афкори иқтисодӣ; 2.9. Таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш ба марҳалаи нави технологияҳо идома дорад, омили калидии пешрафти иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ

мубаддал гашта, дараҷаи рақобатпазирии давлатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунад.

Рушди иқтисоди донишбунёд (Knowledge-based economy) ин марҳалаи пешрафтаи сиёсати иқтисодӣ мебошад, ки дар он дониш, иттилоот, технологияҳои навин ва сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии афзоиши истеҳсолот ва ММД хизмат мекунанд. Баръакси иқтисоди анъанавӣ, ки ба захираҳои табиӣ ва қувваи кории ҷисмонӣ такя мекард, ин модел ба иқтидори зеҳнӣ асос меёбад.

Масъалаи рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ мақоми хос доштанд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди донишбунёд истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-инноватсионӣ зарурати объективӣ дошта, он метавонад самаранокии идоракунии фаъолият, шаффофият, сифати хизматрасониҳо ва рақобатпазирии солимро баланд бардорад.

Иқтисодиёти донишбунёд, иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонӣ се рукни асосии модернизатсияи иқтисоди муосири Тоҷикистон ба шумор рафта, дар якҷоягӣ заминаи гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-инноватсионии рушдро таъмин мекунанд. Ҳукумати кишвар солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон кардааст, ки ин се мафҳумро мустақиман бо ҳам мепайвандад.

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич, ки меҳвари асосии онро омӯзиши ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

**Навгонии илмии тадқиқот** дар масъалагузорӣ ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси марбут ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат, коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, инчунин муайян намудани самтҳои ташаккул ва рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навовариҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод карда шудаанд:**

- **Дар заминаи гузариш ба саноатикунонии босуръат**, пояҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёд мавриди таҳлил қарор гирифта, моҳияти мафҳумҳои «иқтисодиёти иттилоотӣ» ва «иқтисоди ба дониш асосёфта» бо назардошти воқеияти имрӯза аз ҷониби муаллиф амиқтар шарҳ дода шудаанд. Муаллиф дидгоҳҳои илмиро доир ба ин масъала гурӯҳбандӣ намуда, усулҳои микро ва макроиқтисодии тавзеҳи онро муайян сохтааст. Инчунин, ҷузъҳои сохторӣ ва аломатҳои фарқкунандаи ин навъи иқтисод мушаххас гардидаанд. Иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун низоме тавсиф меёбад, ки дар он илму дониш омили асосии таконбахши рушди иқтисодӣ ва устувории рақобати соҳибкорӣ ба шумор меравад (саҳ. 16-49).
- **Таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад**, ки ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар шароити индустриализатсияи муосир барои давлатҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Бозистии раванди рақамиву оқилгардонии хоҷагидорӣ дар хориҷа исбот намуд, ки имрӯз маҳз низоми донишбунёд заминаи асосии пешрафти устувор ва тавлиди технологияҳои инноватсиониро дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ташкил медиҳад (саҳ. 50-67).

• **Таҳлили ҳолати кунунӣ ва заминаҳои шаклгирии иқтисоди донишбунёд дар Тоҷикистон** нишон медиҳад, ки ин низом дар марҳалаи *таҳаввули пайваста қарор дошта, хусусиятҳои хоси миллиро пайдо* кардааст. Муаллиф собит месозад, ки дар сурати таваҷҷуҳи аввалиндараҷа, ин бахш метавонад ба яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафти иқтисоди миллӣ табдил ёбад. Дар таҳқиқот нишондиҳандаҳое чун афзоиши нақши сармояи зеҳнӣ дар бахши истеҳсолот, вусъати инноватсия, тарбияи мутахассисони рақобатпазир, зиёд шудани ҳиссаи хизматрасонӣ дар ММД, маблағгузории бештар ба соҳаи маорифу илм ва рушди КТИ ҳамчун нишонаҳои калидии зуҳури ин низом арзёбӣ шудаанд. Инчунин, монеаҳои мавҷудаи соҳа муайян гашта, зарурати истифода аз технологияҳои насли 5 (5G) ва зиёд кардани ҳиссаи дониш дар таркиби маҳсулоти дохилӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 68-115).

• **Бо мақсади гузариши устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти донишбунёд** муаллиф як қатор пешниҳодҳои амалию илмиро коркард намудааст. Ин тавсияҳо самтҳои муҳим, аз ҷумла татбиқи навовариҳои илмию техникӣ дар хоҷагидорӣ, пайванди зичи илм бо истеҳсолот, такмили қонунгузории бозори дониш, таҷдиди сохтории маориф ва таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани фарҳанги корпоративии ширкатҳо ва рушди технологияҳои маҷозиро фаро мегиранд. Дар ҷамъбаст таъкид мешавад, ки роҳандозии модели инноватсионии рушд пояи асосии гузариш ба иқтисоди дониш дар кишвар мебошад (саҳ. 116-158).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

**Мақсади таҳқиқот** аз баррасии пояҳои назариявию методологӣ ва усулҳои шаклгирии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити индустриализатсияи босуръат, инчунин тавлиди механизми ташкилию

иқтисодии гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин низоми навин, ки барои рушди стратегии иқтисоди миллӣ нақши таъсиргузор дорад, иборат мебошад.

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси илмӣ дар диссертатсия маҷмӯи усулҳои муосири таҳқиқот, аз ҷумла равишҳои системавию сохторӣ, сабабу натиҷа, таҳлилу синтез, абстрактсияи илмӣ, индуксия ва дедуксия, инчунин усулҳои омилӣ, коршиносию таҳлилӣ, иқтисодию математикӣ ва арзёбии нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ истифода шудаанд. Роҳандозии ин абзорҳои методӣ дурустӣ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои ниҳоии корро комилан таъмин намудааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро ҳангоми муайян кардани самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти инноватсионӣ ва эҷодкорӣ, шаклу усулҳои ташаккул ва истифодаи дониш дар равандҳои истеҳсолот, тақсимот ва мубодила, баланд бардоштани самаранокии неруи инсонӣ дар такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ аҳаммияти амалӣ доранд, истифода бурдан мумкин аст.

**Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф** метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод ва воқеӣ ҷиҳати санҷишу арзёбии раванди шаклгирӣ ва рушди иқтисоди донишбунёд дар шароити индустриализатсияи босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои назариявии таҳияшуда ва тавсияҳои методологии пешниҳодгаштаро метавон дар ҷараёни роҳандозӣ ва пешбурди иқтисодиёти донишбунёд дар сохтори хоҷагидории муосири кишвар амалӣ намуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки заминаҳои назариявию методии коркардшуда ба ташкили шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ барои тавлид, тақсимот ва татбиқи дониш дар равандҳои такрористеҳсол нигаронида шудаанд. Ин амр гузариши стратегиро аз модели содироти ашёи хом ба модели рушди инноватсиониву илмӣ таъмин намуда, самаранокии иқтисоди миллиро ба таври назаррас баланд мебардорад.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои дар ҷараёни кор бадастомада метавонанд ҳамчун таҳкурсии илмӣ барои пажӯҳишҳои оянда дар самти шаклгирии иқтисоди донишбунёд дар заминаи саноатикунонии босуръати Тоҷикистон хизмат кунанд. Инчунин, ин натиҷаҳоро метавон дар ҷараёни муайян намудани афзалиятҳои рушди миллӣ, суръатбахшии саноатикунонӣ, гузариш ба ҷомеаи пасаиндустриалӣ, ташаккули муҳити рақамӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Аҳаммияти иҷтимоии дастовардҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки хулосаҳои илман асоснокшудаи он барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷомеа нигаронида шудаанд. Татбиқи ин тавсияҳо рушди устувори иқтисодиро кафолат дода, барои тақвияти рақобатпазирии бозори меҳнат ва ташкили ҷойҳои кори муосир дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

**Сохтори кори диссертатсионӣ.** Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 181 саҳифа оварда шудааст, ки он 22 ҷадвал ва12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 135 номгӯй иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала ва робитаи тадқиқот бо барномаҳои илмӣ-давлатӣ асоснок карда шудаанд. Инчунин, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет

ва фарзияи илмии тадқиқот муайян гардида, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии кор, интишороти муаллиф ва сохтору ҳаҷми рисола инъикос ёфтаанд.

Боби аввал — «Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат» ба баррасии консептуалӣ ва методологии мавзуъ нигаронида шудааст. Дар ин бахш усулҳои шаклгирии иқтисоди дониш ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ амиқ таҳлил мешаванд. Дар заминаи ин пажӯҳиш муаллиф таърифи мушаххаси худро чунин пешниҳод мекунад: «Иқтисодиёти донишбунёд низоми хоҷагидориест, ки дар он илму дониш ҳамчун омили асосии суръатбахшии рушди иқтисодӣ ва устуворсозии рақобатпазирии тамоми соҳаҳои фаъолият истифода мешавад» (саҳ. 16-67).

Муаллиф дар таҳқиқоташ барҳақ таъкид мекунад, ки мафҳумҳои «неруи инсонӣ», «сармояи инсонӣ», «сармояи иҷтимоӣ» ва «сармояи зеҳнӣ» бештар ҳамчун нишондиҳандаҳои тавсифии иқтисодиёти донишбунёд ба кор мераванд. Бо вуҷуди иртиботи зич, ин истилоҳҳо паҳлуҳои мухталифи нақши дониш ва тавоноии инсонро дар рушди иқтисодӣ инъикос намуда, муҳтавои иқтисоди донишбунёдро ба таври комил фаро гирифта наметавонанд (саҳ. 20). Дар ин замина, дар кор нишон дода шудааст, ки иқтисоди донишбунёд аз ду дидгоҳ — микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ баррасӣ мешавад. Дар сатҳи микроиқтисодӣ, он фаъолияти соҳибкориеро ифода менамояд, ки тавассути эҷоду татбиқи дониш, сармояи зеҳнӣ ва навовариҳо бартариҳои рақобатиро ба даст оварда, мавқеи корхонаро дар бозор устувор месозад (саҳ. 23).

Муаллиф қайд мекунад, ки дар ҷомеаи муосири саноатӣ иқтисоди донишбунёд нақшҳои гуногунро иҷро мекунад: он ҳам натиҷа ва маҳсулоти фаъолият, ҳам омили истеҳсолоту воситаи идоракунӣ ва ҳам

предмети муомилоти бозорӣ мебошад. Ин низом ҷамъоварии иттилооти зеҳниро таъмин намуда, ҷомеаро муттаҳид ва институтҳои иҷтимоиро устувор месозад (саҳ. 33).

Дар қисмати дигари кор таъкид мешавад, ки сохтори муосири иқтисодиёти донишбунёд бештар дар кишварҳои пешрафта, мисли ИМА, Чин ва Иттиҳоди Аврупо рушд ёфтааст. Кишварҳои пасошуравӣ, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳоли ҳозир марҳилаи гузаришро ба ин модели иқтисодӣ тай карда истодаанд (саҳ. 52).

Боби дуюми диссертатсия ба омӯзиши «Вазъи муосир ва тамоюли ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон» бахшида шудааст. Дар ин бахш тадқиқотчӣ заминаҳои институтсионалии ин низомро дар ҷумҳурӣ ҳамаҷониба арзёбӣ намуда, бо истифода аз моделсозии регрессионӣ таъсири иқтисоди донишро ба нишондиҳандаҳои рушди миллии кишвар асоснок кардааст. Хулосаҳои ин боб барои муайян кардани заминаҳои рушд ва коҳиш додани хавфу таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии давлат аҳаммияти муҳим доранд (саҳ. 68-115).

Муаллиф заминаҳои институтсионалии шаклгирӣ ва рушди иқтисоди донишро ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таъриф медиҳад, ки ҷараёни тавлид, тақсим ва истифодаи донишро дар бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ танзим мекунанд. Ба ин низом, пеш аз ҳама, заминаҳои ҳуқуқии соҳаҳои илм, инноватсия ва маориф дохил мешаванд, ки таҳкурсии иқтисоди донишбунёдро ташкил медиҳанд (саҳ. 71).

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин падида хусусиятҳои хос пайдо карда, ба як омили муҳимми сохторию институтсионалӣ табдил ёфтааст ва дар амалисозии ҳадафҳои стратегӣ, хусусан саноатикунонии босуръат, нақши калидӣ дорад. Низоми хоҷагидории кишвар дар солҳои охир вориди марҳилаи нави сифатӣ мегардад, ки ин раванд бо

тағйири куллии шароити бозор ва воридсозии технологияҳои муосир ба бахшҳои истеҳсолот ва менеҷмент зоҳир мешавад (саҳ. 87).

Хулосаҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки сатҳи маблағгузории соҳаи илму ихтироот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс бо нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам нокифоя мебошад. Чунончи, дар соли 2021 ҳаҷми умумии хароҷоти ҷаҳонӣ ба ин бахш 1,1 трлн евроро ташкил дод, ки зиёда аз 93%-и он танҳо ба кишварҳои пешрафтаи индустриалӣ ва саноатии нав, аз ҷумла ИМА, Чин, Ҷопон, Олмон, Швейтсария, Кореяи Ҷанубӣ, Британияи Кабир, Фаронса, Тайван ва Нидерланд рост меояд (саҳ. 94).

Ҷиҳати дақиқ намудани ин тамоюлҳо, дар кор маҷмӯи усулҳои математикию статистикӣ, аз қабили таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ васеъ истифода шудааст. Ин равиш имкон додааст, ки модели содашудаи таъсири нишондиҳандаҳои иқтисоди донишбунёд ба рушди умумии иқтисодиёти Тоҷикистон сохта шавад. Таҳлили мазкур дар заминаи консепсияҳои калидии рушд сурат гирифта, нақши меҳварии омили донишро дар сохтори хоҷагидорӣ асоснок мекунад (саҳ. 103).

Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, ба муайян кардани стратегияҳои калидии гузариш ба ин модели иқтисодӣ дар шароити индустриализатсияи босуръат бахшида шудааст.

Муаллиф механизми ташкилию иқтисодии ин равандро коркард намуда, самтҳои афзалиятноки татбиқи онро дар шароити ватанӣ пешниҳод мекунад. Дар ин қисмати кор сохтори ягонаи шаклгирии иқтисоди дониш ҳамаҷониба омӯхта шуда, дар заминаи он роҳҳои самарабахши такмили минбаъдаи соҳа муайян ва гурӯҳбандӣ гардидаанд (саҳ. 116-158).

Ба ақидаи муаллиф, ислоҳоти соҳаҳои илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд характери маҷмуӣ (комплексӣ) дошта бошад, то таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ ва баландшавии сатҳи некуаҳволии ҷомеа эҳсос гардад. Аз ин рӯ, барои модернизатсияи ин бахшҳо, пеш аз ҳама, рақамикунонии низоми таҳсилот, таҳкими пажӯҳишгоҳҳо, густариши тадқиқоти байнисоҳавӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат, таҷдиди сохтори маблағгузорӣ ва рушди инфрасохтори илмӣ тақозо мешавад (саҳ. 120).

Дар ин замина, стратегияи пешниҳодшудаи шаклгирии иқтисоди донишбунёд дар ҷумҳурӣ соҳаҳои васеъро фаро гирифта, ба амалисозии бомуваффақияти барномаҳо дар бахши маориф, илм, технологияҳои рақамӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва таҳкими заминаҳои институтсионалию ҳамкориҳои хориҷӣ такони ҷиддӣ мебахшад (саҳ. 133).

Механизми ташкилию иқтисодии иқтисоди донишбунёд ба рушди сармояи инсонӣ, ҳавасмандгардонии инноватсия ва таъсиси истеҳсолоти баландтехнологӣ нигаронида шудааст, ки устувории низоми хоҷагидориро кафолат дода, сифати зиндагии аҳолиро беҳтар месозад (саҳ. 134).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар ин низом иттилоот, технология, дониш ва неруи инсонӣ фишангҳои асосии тавлиди арзиши иловашуда ва рақобатпазирии миллӣ ба шумор мерав족анд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии худ, зарурати шаклгирии иқтисоди донишбунёдро ҳамчун пойдевори рушди устувор эътироф менамояд (саҳ. 146).

Хулоса, шаклгирии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷараёни мураккаб ва фарогир аст, ки ҳамоҳангии сиёсати давлат, саҳмгузории бахши хусусӣ ва пешрафти неруи инсониро тақозо менамояд. Амалисозии босуботи стратегияҳои пешниҳодшуда

заминаи устувореро барои гузариши иқтисоди миллӣ аз вобастагии ашёию захиравӣ ба модели муосири инноватсионӣ ва рақобатпазир фароҳам месозад (саҳ. 152).

Дар ин радиф, хулосаву тавсияҳои муаллиф аҳаммияти хоси илмию амалиро доро мебошад.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (7 мақола дар алоҳидагӣ) ва 5 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

7. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, мутобиқ ба талаботи забони илмӣ иҷро шудааст.

8. **Эроду тавсияҳо ва нуктаҳои баҳсталаб барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Муаллиф бо дарназардошти мақсади гузоштошуда вазифаҳоро бояд мушаххас нишон медод.

2. Ҳангоми таҳқиқи зербоби 1.1 оид ба шарҳи мафҳуми “иқтисодиёти донишбунёд” дар шароити рушди ҷамъияти

саноатикунонии босуръат мавқеи олимони Тоҷикистон аз мадди назар дур мондааст.

3. Дар саҳифаи 40 муаллиф ҷадвали 1.2.-ро нишон додааст, аммо тавзеҳи пурраи он нокифоя зикр шудааст.

4. Ҳангоми таҳқиқ муаллиф аҳаммияти шохиси иқтисоди донишбунёдро зикр намудааст, аммо дар расми 1.1. (ҷадвалҳои 2.10, 2.11) ба ҷойи шохис индексро истифода намудааст.

5. Дар диссертатсия механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 3.2) таҳия гардидааст, аммо муаллиф онро ба таври пурра тавзеҳ надодааст.

6. Дар диссертатсия як қатор хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи сифати илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонад аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9.Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои он дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон.
E-mail: menejment_08@mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

Дурустии имзои д.и.и., дотсент
Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ